**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи академик М.С.
Осимӣ, д.и.и., профессор
Қ. Қ. Давлатзода
_______________
«23» ___08___ с. 2023

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сарвати асосӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ ба шумор меравад. Тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз нерӯи барқ вобаста мебошанд. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оғоз аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ ба таъмини субъектҳои иқтисодӣ, муассисаҳои соҳаи иҷтимоӣ ва аҳолӣ бо нерӯи барқ диққати муҳим медиҳад. Низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба андозае вайрон шуда буд, бо кӯшиш ва талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барқарор карда шуд. Дар мамлакат бозори фурӯши барқ ташкил карда шуд. Акнун таъминот бо нерӯи барқ барои тамоми гурӯҳҳои истеъмолкунандагон аз вазъи бозори фурӯши барқ вобаста буда, рушди худи бозори фурӯши барқ бо ташкили дурусти кори субъектҳои он алоқаманд аст. Вобаста ба ин, ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар таъмини ҳадафҳои рушди устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат, аз ҷумла саноатикунонии босуръат аҳамияти калон ва мубрамии махсус дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари роҳандозӣ намудани ислоҳот дар низоми электроэнергетикӣ, дигаргуниҳо дар фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ рух медиҳанд. Дар бозори миллии фурӯши барқ субъектҳои нав пайдо шуда, тадриҷан аломатҳои рақобат низ ба миён меоянд.

Муаллифи диссертатсия дуруст қайд менамояд, ки «Аҳамияти баланди иҷтимоию иқтисодии таъминот бо нерӯи барқ масъулияти субъектҳои бозори фурӯши барқ ва мақомоти давлатиро, ки масъалаҳои фаъолияти соҳаи мазкурро танзим

мекунанд, афзун мекунад. Зиёда аз ин, хусусиятҳои худи нерӯи барқ ҳамчун мол ба равандҳои ташкил ва рушди бозори фурӯши барқ асари худро мегузоранд» (С. 3).

Ҷиҳатҳои қайдкардашуда мубрамии мавзӯи диссетратсияи тақризшавандаро тасдиқ намуда, иҷрои таҳқиқоти илмиро дар самти таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ асоснок мекунанд.

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Бобохонова Ш.Х. дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси илмии 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мувофиқат мекунад.

**Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия.** Дар диссертатсия асосҳои назариявӣ, тавсияҳои методӣ ва амалӣ оид ба мукаммалгардонӣ ва рушди бозори миллии фурӯши барқ таҳия ва пешниҳод карда шудаанд. Натиҷаҳои муҳими таҳқиқот, ки дорои навгонии илмӣ мебошанд, ин ҷиҳатҳоро дар бар мегиранд:

- заминаҳои таърихӣ, ҷанбаҳои назариявӣ ва методии ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ шуда, дар ин асос хусусиятҳои амалкунӣ ва рушди он муайян карда шудаанд;

- таҷрибаи хориҷии фаъолияти субъектҳо дар бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, истифодаи ҷиҳатҳои мусбати он барои баркарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

- дар асоси арзёбии вазъи муосири иқтисодӣ ва техникии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ шароит ва заминаҳои рушди бозори мазкур муайян карда шудаанд;

- муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳлил карда шуда, барои ворид ва ҳамгиро шудани онҳо ба бозорҳои минтақавӣ ва ҷаҳонии электроэнергетикӣ тавсияҳо таҳия карда шудаанд;

- омилҳо ва шароити рушди бозори фурӯши барқ дар заминаи истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд;

- тавсияҳои амалӣ барои татбиқи инноватсияҳо ва дастовардҳои илмию техникии муосир дар бозори фурӯши барқ таҳия ва пешниҳод карда шуданд;

- амсилаи рушди бозори фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иқлим ва ҷаҳонишавии иқтисодиёт таҳия карда шудааст. Дар амсилаи таҳиянамудаи муаллиф сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо вобаста ба

такмили муносибатҳои инҳисорӣ ва рушди рақобат дар бозори миллии фурӯши барқ муқаррар карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Муқаррароти назариявии дар диссертатсия таҳиягардидаро метавон ҳамчун саҳми назаррас дар раванди ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ эътироф кард. Натиҷаҳои назариявии диссертатсия барои иҷрои таҳқиқоти илмӣ дар самти ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ имконият фароҳам меоранд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки муқаррарот ва тавсияҳои аз ҷамъбасти диссертатсия пешниҳодгардида метавонанд аз ҷониби мақомоти дар соҳаи танзими бозори фурӯши барқ ваколатдор, соҳибмулкон ва роҳбарони корхонаҳои фурӯши барқ барои амалисозӣ дар фаъолияти худ ба кор бурда шаванд. Татбиқи амалии муқаррароти таҳиягардида имкон медиҳад, ки самаранокии фаъолияти корхонаҳои фурӯши барқ баланд бардошта шавад. Муқаррароти назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот дар раванди таълими бакалавр ва магистрҳо ҳангоми омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти электроэнергетика», «Фаъолияти тиҷоратӣ», «Идоракунии лоиҳаҳо» истифода мешаванд.

**Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот.** Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои дар диссертатсия гузоштшуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф истифода намудааст, имконият додаанд, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти ташакул ва рушди бозори фурӯши барқ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардида ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони ватанию хориҷиро дар соҳаи ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ истифода бурдааст. Шиносоӣ бо муҳтавои таҳқиқот нишон медиҳад, ки муаллиф бо адабиёти дахлдор моҳирона кор карда, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намудааст.

**Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт бо 154 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 183 саҳифа дарҷ гардида, 14 расм ва 16 ҷадвалро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи таҳқиқот, дараҷаи коркарди илмии масъалаи мавриди омӯзиш, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардидаанд, маълумот оид ба асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаҳои маълумот ва пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, дараҷаи

эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст (с. 3-12).

Дар боби якум – «Асосҳои назариявии ташаккули бозори фурӯши барқ» асосҳои назариявӣ, заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ таҳқиқ карда шуда, таҷрибаи хориҷии ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ вобаста ба амалисозии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ карда шудааст (с. 13-60).

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқи заминаҳо ва хусусиятҳои ташаккули бозори фурӯши барқ изҳор намудааст, ки мафҳуми бозори фурӯши барқ то ҳанӯз дар адабиёт ба таври муфассал шарҳ дода нашудааст, ҷиҳатҳои баҳсталаб дар тафсири он зиёд мебошанд.

Муаллиф қайд кардааст, ки ҳар як иштирокчии бозор ҳадафи худро пайгирӣ намуда, вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо барои ноил гардидан ба ин ҳадаф иҷро мекунад. Дар ин маврид манфиатҳои ҳамаи дигар иштирокчиён бояд ба инобат гирифта шаванд, чунки амалисозии вазифаҳо ва ноилгардии ҳадафҳои ҳар як иштирокчии бозор бе баҳисобгирии ҳадафҳои иштирокчиёни дигар ғайриимкон аст. Ба ин хотир, бозор бояд аз ҷониби давлат танзим карда шавад (с. 15). Дар бозори фурӯши барқ муносибатҳои бозорӣ танҳо дар доираҳое амал мекунанд, ки худи давлат онҳоро муқаррар кардааст. Давлат қоидаҳои амалкунӣ ва рушди бозор, тартиби бастан ва иҷрои шартномаҳоро муқаррар мекунад, ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва умуман ҷамъиятро дар самти фурӯш ва истеъмоли нерӯи барқ ҳимоя мекунад (с. 19).

Ба андешаи муаллиф, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ дар бозори фурӯши барқ, ки ба соҳаи инҳисори табиӣ мансуб аст, танҳо дар ҳолате пазируфта мешавад, ки дахолати давлат ба рақобат ба ҳадди камтарин расонида шавад. Бинобар ин, дар диссертатсия пешниҳод карда мешавад, ки аз сохтори субъектҳои инҳисори табиӣ намудҳои алоҳидаи фаъолият бароварда шаванд ва барои иштирокчиёне, ки акнун ба бозори фурӯши барқ ворид мешаванд, шароит барои фаъолияти рақибона фароҳам оварда шавад (с. 25-26).

Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқот муайян кардааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари аксари мамлакатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми беҳтарро нисбат ба мамлакатҳои хориҷии дур ишғол намудааст, чунки дорои як қатор заминаҳо барои ташаккули бозори босамари фурӯши барқ дар асоси маҷмуи энергетикии дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ташаккулёфта мебошад. Гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар мамлакатҳои собиқ шуравӣ ба шароити хоҷагидории бозорӣ зарурати роҳандозӣ

намудани ислоҳоти сохториро дар бозори фурӯши барқ ба миён овард. Таваррум ва пардохт накардани ҳаққи нерӯи барқ фаъолияти молиявӣ-иқтисодии корхонаҳои соҳа, аз ҷумла ШСХК «Барқи Тоҷик»-ро вайрон кард. Бинобар ин, барои барқарор кардани низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи ҷиҳатҳои мақбули таҷрибаи хориҷии амалкунии бозори фурӯши барқ дорои манфиат мебошад (с. 60).

**Дар боби дуюм** – «Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» вазъи муосири соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, дар асоси таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ имконияти ҳамгироии бозорҳои миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонии фурӯши барқ муайян карда шудааст.

Муаллиф таҳлили вазъи муосири соҳаи электроэнергетикаи мамлакатро ҷиҳати ташаккули бозори фурӯши барқ анҷом дода, тасдиқ менамояд, ки дар низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду субъекти бозорӣ - ШСХК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «Ширкати энергетикии Помир» ҳамчун ширкатҳои ҳамгирошуда, бе амалкунии унсурҳои бозорӣ ва рақобат фаъолият мекунанд. Пас аз таҷдиди сохтори ШСХК «Барқи Тоҷик» дар бозор ду субъекти нав - ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» ва ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» пайдо шуанд, вале муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои бозор, инчунин муносибатҳои онҳо бо истеъмолкунандагони барқ то ҳол аниқ муайян нашудаанд. Бо мурури рушди субъектҳои мазкур ва ҷорӣ намудани унсурҳои бозор ва рақобат дар фаъолияти онҳо, зарурати таҳия ва рушди санадҳои дахлдор ҷиҳати ба расмият даровардани муносибатҳои тиҷоратии онҳо ба миён меояд (с. 74).

Муалиф иброз медорад, ки бо вуҷуди роҳандозӣ намудани ислоҳот, имрӯз дар соҳаи электроэнергетикаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мураккаби ташкилӣ-сохторӣ мушоҳида мешавад. Ноил гардидан ба шаффофӣ ва самаранокӣ дар бозори фурӯши барқ, ки аз ҳадафҳои муҳими ислоҳот ба ҳисоб меравад, ҳанӯз ҳам ба даст наомадааст. Мавҷудияти мушкилоти мубрам, чун сатҳи баланди қарздориҳои дебиторӣ ва кредиторӣ, талафот ҳангоми интиқол ва истифодаи барқ – нишонаҳои асосии тавсифи вазъи имрӯзаи бозори фурӯши барқ дар мамлакат мебошанд (с. 75). Ба андешаи ӯ, ислоҳоти имконпазири сиёсати муқаррар намудани тарифҳои барқ, пӯшонидани қарздориҳои корхонаҳои давлатӣ, таҷдиди сохтори фаъолияти бозори яклухти нерӯи барқ ва роҳандозӣ намудани тадбирҳо ба хотири ҳавасмандсозии рақобат дар дохили бозори яклухт, метавонанд ба фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таъсири муҳим расонанд (с. 98).

**Дар боби сеюм** – «Дурнамои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаҳои рушди бозори миллии фурӯши барқ дар асоси истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ва имконияти татбиқи инноватсияҳо баррасӣ гардида, амсилаи рушди бозори миллии фурӯши барқ дар шароити тағйирёбии иклим ва равандҳои ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодӣ таҳия карда шудааст.

Муаллиф тасдиқ мекунад, ки дар самти истифодаи нерӯгоҳҳои барқии обии хурд (НБОХ) ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот зиёданд. Яке аз муҳимтарини онҳо дар мамлакат ба роҳ мондани истеҳсоли таҷҳизот ва агрегатҳо барои ин нерӯгоҳҳо мебошад. Масъалаи ба роҳ мондани истеҳсоли худии таҷҳизот барои сохтмони НБОХ муҳим аст, ин арзиши ниҳоии маҳсулотро ба андозаи назаррас паст карда, нерӯи барқи дар НБОХ истеҳсолшавандаро барои табақаҳои камбизоати аҳолӣ нисбатан дастрас мегардонад. Инчунин зарурати стандартикунонии таҷҳизот таъкид карда мешавад, ки унсури иқтисодии ниҳоят муҳим ҳангоми истифодаи манбаъҳои хурди тавлиди нерӯи барқ ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи маблағгузорӣ ва масрафҳо сохтмони он НБОХ самаранок ҳисобида мешавад, ки дар пояи иншооти гидротехникии аллакай мавҷудбуда сохта шаванд. Мавҷудияти инфрасохтор масрафҳоро ба қадри назаррас кам карда, раванди сохтмонро метезонад ва нафънокии онро низ баланд мекунад. Бинобар ин, қарор дар бораи ба кор андохтан ва барқарор кардани НБОХ-ҳои пештар сохташуда ва то ҳол аз фаъолият бозмонда аз ҷиҳати иқтисодӣ мақбул аст (с. 120).

Муаллиф амсилаи рушди бозори фурӯши барқро таҳия кардааст, ки дар он сохтори намунавии вазъи имрӯзаи низоми электроэнергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасвир гардида, субъектҳои бозори фурӯши барқ ва робитаҳои байни онҳо нишон дода шудаанд (с. 151). Барои бунёди бозори рақобатпазири фурӯши барқ, муаллиф пеш аз ҳама дигар кардани сохтори соҳа, таъсис додани чунин мақомот ва субъектҳои мустақили бозорро зарур мешуморад: мақомоти мустақили танзимкунанда (берун аз тобеияти ШСХК «Барқи Тоҷик»), маркази бозори фурӯши барқ, ки аз ду унсур – маркази миллии танзими барқ ва маркази ҳисобикуниҳои молиявӣ иборат аст. Ин ду субъекти бозор дар амсилаи таҳиянамудаи муаллиф оварда шудаанд. Инчунин муаллиф таъсис додани корхонаҳои мустақили истеҳсол, таҳвил ва таъминкунандаи нерӯи барқро пешниҳод мекунад (с. 153).

Тавре муаллиф пешниҳод кардааст, бозори фурӯши барқ бояд бо иштироки давлат ва дар асоси принсипҳои рақобат ташаккул ёфта, асосҳои амалкунии он бо қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Дар натиҷаи амалисозии пешниҳоди муаллиф инҳисор дар ширкатҳои ба таври амудӣ ҳамгирошуда ва зарурати иштироки бевоситаи давлат дар бозори фурӯши барқ барҳам дода мешавад. Минбаъд бозори дохилии

фурӯши барқ то ба сатҳи кушоди ба бозорҳои хориҷии минтақавӣ ва умумиҷаҳонӣ пайвастгардида рушд мекунад (с. 154).

Ҳамчунин диссертатсия бо хулоса ва тавсияҳои судманд барои рушди ояндаи объекти таҳқиқот анҷом меёбад, ки ҳамаи онҳо асоснок мебошанд (С. 156-161).

**Эродҳо ва тавсияҳо доир ба диссертатсия.** Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи тақризшаванда чунин ҷиҳатҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Муаллиф ҳамчун субъекти алоҳидаи бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶСК «Ширкати энергетикии Помир»-ро номбар намуда, баъзе ҷиҳатҳои фаъолияти онро таҳқиқ намудааст. Хуб мебуд, агар муаллиф ба вазъи имрӯзаи фаъолияти ширкати мазкур диққати бештар медод ва имконияти ба бозор роҳ ёфтани дигар субъектҳои бахши хусусиро арзёбӣ мекард.

2. Хуб мебуд, агар ҳангоми таҳқиқ ва арзёбии муҳити тиҷоратии фаъолияти субъектҳои бозори фурӯши барқ таҳлили муфассали муҳити тиҷоратии як-ду субъекти бозори фурӯши барқ гузаронида шуда, дар асоси он хулосаҳои дахлдор бароварда мешуданд.

3. Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири бозори миллии фурӯши барқ аз ҷониби муаллифи то андозае мукаммал аст, ё таҳлилу баррасӣ гардидааст, аммо маълумоти таҳлили давраи нисбатан тӯлонӣ (солҳои 2015-2022)-ро дар бар мегирад. Хуб мебуд маълумоти барзиёд ихтисор карда шуда, нишондиҳандаҳои зарурӣ барои давраи 5 соли охир истифода, таҳлил ва арзёбӣ мешуданд. Инчунин дар ин асос таҳияи дурнамои рушди нишондиҳандаҳои асосии бозори фурӯши барқ барои 5 соли оянда ба мақсад мувофиқ мебуд.

4. Агар шумораи замимаҳо ба диссертатсия зиёдтар мешуд (аз ҳисоби таҳлили нишондиҳандаҳои фаъолияти субъектҳои алоҳидаи бозори фурӯши барқ), аҳамияти амалии диссертатсия бештар мешуд.

5. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ мушоҳида мегарданд.

Вале эродҳои номбаршуда хосияти тавсиявӣ дошта, ба сифат ва арзиши илмии таҳқиқот таъсир нарасонидаанд.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Асарҳои илмие, ки муаллиф ба нашр расонидааст, хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз натиҷаи таҳқиқот 22 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 8,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 7,2 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 7 мақола дар маҷаллаҳои тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмию назариявӣ

ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тавассути маърузаҳои илмӣ баён карда шудаанд.

**Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия.** Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Хулоса оид ба мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида.** Диссертатсия дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди бозори фурӯши барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаи хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи муқарраргардидаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааast, дар он масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Бобохонова Шаҳрбону Холназаровна сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси зикршуда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот (энергетика)-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи № 1, аз 28 августи соли 2023).

Раиси ҷаласа:
Мудири кафедраи Иқтисодиёт ва ташкили истеҳсолот
(энергетика)-и Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи М.С. Осимӣ Исмоилов М.И.

Ташхисгар:
н.и.и., кафедраи Иқтисодиёт ва ташкили
истеҳсолот (энергетика) Камилова Н.М.

Котиби ҷаласа: муалими калони кафедраи
Иқтисодиёт ва ташкили
истеҳсолот (энергетика) Анушаи Мирзо

Имзоҳои Исмоилов М.И, Камилова Н.М ва Анушаи Мирзо-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи техникии
Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

Суроғаи муассисаи пешбар: Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони академикҳо Раҷабовҳо, 10
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ

Тел.: (+992 37) 2217135
E-mail:
Web-сайт: ttu.tj